“Тасдиқ мекунам”
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии Донишгоҳи давлатии
Данғара, д.и.и. профессор
__________ Хайрзода Ш.Қ.
“22” __12__ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст: Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» ба шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ), аз ҷумла банди 1-

Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (истифодаи усулҳои таҳлили назариявӣ, мушоҳида, озмоиш, саволнома ва таҳлили эмпирикӣ, ки ба асоснокии илмии таҳқиқот мусоидат менамояд.), банди 6 – Консепсияи таҳсилот: (татбиқи равандҳои инноватсионӣ ва технологияҳои интерактивӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, арзёбии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ)., банди 7- Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ; тағйироти низомавӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла, моҳият, сохтор, вазифаҳои он; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ), мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ:** дар он аст, ки он ба назарияи педагогика оид ба масъалаҳои «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон» барои марҳилаи синфҳои болоии таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ ва систематикӣ, структураи методологӣ ва психолого-педагогии ин салоҳиятҳо таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) асоснок шудаанд, модели педагогии ташаккули салоҳият таҳия ва пешниҳод шудааст, ки метавонад заминаи рушди минбаъдаи методикаи таълими таърих гардида, дар шароити муосир ғанӣ мегардонад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи аососноккунии таҳқиқот аз тарафи диссертант дар асосҳои мустаҳками методологӣ, ки таҳқиқот бар он бунёд ёфтааст, аз ҷумла татбиқи принсипҳои муносибати салоҳиятмеҳвар ва равишҳои муосири психолого-педагогӣ хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар фаъолияти касбӣ мебошад. Мақсад ба таҳкими ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии усулҳо, шаклҳо ва технологияҳои таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи

иттилоотӣ-маърифатии хонандагон самаранок арзёбӣ шудаанд, метавонанд дар амалияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик васеъ истифода гарданд, ки дар шароити тағйирёбии педагогӣ ва таъсири ҷомеа ба муассисаҳои таълимӣ бояд бештар равшан карда шавад. Вазифаҳои таҳқиқот ба тарзи рушдёбанда имконоти васеъ барои пайгирии амалҳоро ва ҷанбаҳо ва мазмуни салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатиро дар заминаи адабиёти илмии педагогӣ ва психологияи таълим муайян намудан, инчунин равшан сохтани хусусиятҳои онҳо дар шароити таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам меоранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муаллиф мафҳуми «шароитҳои педагогӣ»-ро дар робита ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ мушаххас намуда, моҳияти онро дар муҳити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавзеҳ додааст. Ҳамчунин, муаллиф амсила ва технологияи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси омилҳои мухталифи педагогӣ таҳия намудааст, ки ин барои баланд бардоштани сифати фаъолияти омӯзгорӣ мусоидат мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқот, ки дар муқаррароти пешниҳодшуда ифода ёфтааст, ба таври мушаххас аз ҷиҳатҳои зерин арзёбӣ мешавад: Нававарии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки:

- бори аввал масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ба таври махсуси илмӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст;
- мазмуни мафҳумҳои «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ» дар заминаи таълими фанни таърих дақиқ гардида, сохтор ва ҷузъиёти таркибии он (компонентҳо: донишӣ, маърифатӣ, арзишӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ) муайян карда шудааст;
- модели педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик таҳия гардида, заминаи амалӣ барои татбиқи он пешниҳод шудааст;
- шартҳо ва механизмҳои педагогию психологӣ-и самараноки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар синфҳои болоӣ муайян ва асоснок гардидаанд;
- маҷмӯи усулҳои эмпирикӣ барои ташхис, арзёбӣ ва рушди ин салоҳиятҳо дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ ва такмил дода шудаанд;
- меъёрҳои баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ таҳия ва дар озмоиши амалӣ санҷида шудаанд.

Дар маҷмӯъ, навгонии илмии таҳқиқот ба ҳалли масъалаи муҳими педагогӣ равона шуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар тайёр кардани омӯзгорон, такмили ихтисоси онҳо ва дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмии тадқиқот дар он аст, ки он ба назарияи педагогика оид ба масъалаҳои «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон» барои марҳилаи синфҳои болоии таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ ва систематикӣ, структураи методологӣ ва психолого-педагогии ин салоҳиятҳо таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) асоснок шудаанд, модели педагогии ташаккули салоҳият таҳия ва пешниҳод шудааст, ки метавонад заминаи рушди минбаъдаи методикаи таълими таърих гардида, дар шароити муосир ғанӣ мегардонад.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои онро дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин дар раванди тайёр намудани омӯзгорон, методистҳо, таҳиягарони барнома ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи амалии рушди сифати таълим истифода бурдан мумкин аст. Таҳияи муаллиф оид ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар заминаи методологӣ ва назариявӣ барои омӯзгорон, методистҳо, таҳиягарони барнома ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи амалии рушди сифати таълим ҳамчун дастурамал хизмат кунад. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки муаллиф дар рафти таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), таҳлили адабиёти илмӣ, мушоҳида, пурсишнома ва таҷрибаи педагогӣ истифода бурдааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат кардааст. Муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ ва нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки кори илмии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар байни мутахассисони соҳаи маориф ва педагогика таваҷҷӯҳи зиёд пайдо кардааст.

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогика, адабиёт, психология, фалсафа ва олимони соҳаҳои дигар омӯхта шудааст, ки дар онҳо асосҳои назариявӣ ва педагогӣ-психологии ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло масъалаи муҳими ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф тавонистааст як қатор натиҷаҳои мушаххаси илмиро ба даст орад.

Натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳанд, ки ҷараёни ташаккули технологияҳои таълимии пешниҳодшуда ва шаклҳои нави кори синфӣ ва берунazсинфӣ, ки дар раванди озмоиш истифода шудаанд, мавриди истиқболи омӯзгорон қарор гирифта, ба такмили равандҳои таълим ёрӣ расонанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок ба роҳ монда ва истифода бурда шаванд.

**Саҳми илмии довталаби дарёфтӣ дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертацияи пешниҳодгардида ба мавзуи хеле муҳим ва замонавӣ бахшида шуда, равишҳои таҳлили педагогӣ ва муҳитҳои муосири таълимиро дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Ин мавзуъ барои беҳтар намудани сифати таҳсилот ва баланд бардоштани нуфузи омӯзгорон аҳамияти калон дорад. Довталаб дар кори худ ба таҳқиқи шароитҳои педагогӣ машғул шуда, аз ҳамгироии илмию амалӣ истифода мебарад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи таълимии мазкур дар чунин ҷанбаҳо зоҳир мегардад:

1. Ташаккули назарияи илмӣ ва методологии нав. Довталаб оиди ташкили таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳо ва инчунин аз муайян кардани асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди низоми педагогӣ ва маҷмуи асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ, роҳбарӣ ба кори таҷрибавӣ - озмоишии он; коркарди низоми педагогии инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон; таъмини ташкили илмӣ–методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон

иборат аст мафҳуми «босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болой» мушаххассозӣ; дараҷаи рушдёбандагии таҷриба; корбуди самараноки маҳорату малакаҳои умумитаълимӣ; дар раванди фаъолияти таълими мустақилона гузоштан ва ҳалли масъалаҳоро коркард намудааст.

2. Баҳодиҳии шароитҳои муосир ва тағйирёбанда. Дар шароити афзоиши таъсири ахбори омма, рақобати арзишҳо ва таҳдидҳои ҳувиятшиносӣ, ба донишомӯзон зарур аст, ки салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии устуворро касб намоянд. Довталаб тавсияҳои конкретӣ дар бораи он ки, чӣ гуна омӯзгорон метавонанд дар ин шароитҳо ба таҳкими назарӣ ва амалии раванди ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагон мусоидат намоянд, то ки ин раванд бо талаботи таълиму тарбияи муосир ва ниёзҳои стратегияи миллии рушди маориф мутобиқ гардонида ба самаранокии таълим вобастагӣ пайдо намоянд. Ин ҷанба аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки дар шароити зудтағйирёбандаи муосир, асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири махсус меросонад. Ба таври мустақилона, довталаб ин воҳиди таълимиро ба ҳамчун низоми динамикӣ таҳия мекунад.

3. Таҳияи тавсияҳои амалӣ. Яке аз саҳмҳои асосии илмии довталаб, таҳияи тавсияҳои амалӣ ва стратегияҳои таҳияи барнома барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Ин тавсияҳо дар бораи муносибатҳои педагогӣ ва шароитҳои рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва беҳтар намудани шароитҳои педагогӣ метавонанд ба самараи амалӣ дар барномаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат намоянд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти рӯзмарраи омӯзгорон истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:


[1-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 2 (38). – С. 151–156. – ISSN 2617-5320.

[2-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Густариши ғояҳои миллӣ тавассути таълими босамари фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2022. – № 4 (40). – С. 9–14. – ISSN 2617-5320.

[3-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Накши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ». – 2024. – № 4 (81). – С. 52–56. – ISSN 2077-4990.

[4-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун мушкилоти педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 12. Қисми 11. – С. 282–286. – ISSN 2074-1847.

[5-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. – № 4 (54). – С. 235–240. – ISSN 2222-9809.

[6-М] Маҷидзода, Ҷ. С.; Маҳкамов, Д. Фаъолияти инноватсионӣ – омили педагогии рушди таҳсилот ва беҳдошти сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Д. Маҳкамов, Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2025. – № 1 (49). – С. 5–10. – ISSN 2617-5320.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Арзёбии натиҷаҳои таҳқиқот. Довталаб оид ба натиҷаҳои озмоиши худ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ анҷом дода шудааст, таҳлилҳоро анҷом додааст. Ин таҳлилҳо барои осонтар намудани салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои озмоиш, ки дар бораи таъсири омилҳои гуногун (технологӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ) ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагон таҳқиқ шудаанд, дастрасии илмӣ-амалиро барои коркарди масъалаҳои илмӣ пешниҳод мекунанд.

5. Инноватсионӣ ва тағйирёбандагии раванд. Саҳми илмии довталаб дар коркарди проблемаи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» зоҳир мегардад.

Довталаб ба таҳияи моделҳои нави фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик мувофиқат доранд, таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудааст. Ин кор ба фаҳмиши нави таълим ва ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мусоидат мекунад.

6. Муносибати илмӣ ва амалӣ. Довталаб дар кори худ ба таҳияи муносибати байни илм ва амал, ки барои ҳалли проблемаҳои педагогӣ дар шароити муосир заруранд, таваҷҷӯҳ намудааст. Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ин муносибатҳо метавонанд дар барои омӯзгорон, методистҳо, таҳиягарони барнома ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи амалии рушди сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода шаванд. Бинобар ин, кори довталаб на танҳо дар самти назариявӣ, балки дар амалияи таҳсилот низ аҳамияти калон дорад.

Довталаб, Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар диссертатсияи худ ба мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» бо роҳи таҳияи равишҳои нави методологӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ ва таҳияи моделҳои озмоишии ташаккули салоҳиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми илмии муҳим гузоштааст. Кори довталаб на танҳо ба такмили назарияҳои педагогӣ мусоидат мекунад, балки дар раванди таҳсилот низ аҳамияти амалӣ дорад. Ин проблемаи илмӣ дар шароити муосир барои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, таҳлили илмию методологӣ барои дигар муҳаққиқон ва мутахассисон ҳамчун манбаи иттилоотӣ хидмат карда метавонанд. Таҳқиқоти мазкур барои рушди минбаъдаи илмӣ дар соҳаи педагогика ва инчунин барои такмили низомҳои таълимӣ заминаи мустаҳкам мегузорад. Дар шароити муосири глобализатсия ва талаботи рӯзафзун ба сифати таълим, натиҷаҳои ин таҳқиқот на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳо низ манфиатбахш буда метавонад.

Муаллиф дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда чунин масъалаҳоро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст:

1. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар заминаи методологӣ ва назариявӣ

асоснок мегардад.

2. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагонро фароҳам меорад.

3. Ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нақши калидӣ доранд.

4. Модели пешниҳодшудаи ташаккули салоҳиятнокӣ дар шароити озмоишӣ самаранокии худро нишон додааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Муаллиф дар боби якум, ки «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули тавоноии маърифатии хонандагони синфи 10-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик» номгузорӣ намудааст, дар бораи масъалаи тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз самтҳои калидии таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ на танҳо дар илми педагогика, балки дар илмҳои ба он наздик ба шумор меравад, таҳлилҳо овардааст. Таҳлилҳои овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, иқтибосҳову мисолҳои овардашуда ба мавзуъ мувофиқ мебошанд.

Дар зербоби аввали боби 1 «Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфи 10-11, ҳамчун мушкилоти педагогӣ» муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои зер таваҷҷӯҳ намудааст: таҳлили таърихии масъалаи таҳқиқот дар назария ва амалияи илми педагогӣ пешниҳод гардидааст. Мафҳумҳои асосие, ки дар таҳқиқоти мазкур ба кор бурда шудаанд, инчунин дидгоҳҳои олимони муосир доир ба масъала мавриди баррасӣ таҳқиқ шуда, муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар низоми таълими соҳавӣ муайян карда шудаанд.

Ба сифати масъалаи назаррас, ки рушди шахсиятро муайян месозад, фаъолиятеро шуморидан мумкин аст, ки ба ташаккули насли наврас ва ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

Моҳияти фаъолияти инсонӣ аз таҳаввули воқеият, ки дар он инсон қобил аст фаъолона ба олами атроф таъсир расонад, иборат аст.

-Мустақилият неруҳои ниҳонии таълимгирандагонро бармало сохта, онҳоро ба корҳои хеле бузургу калон ва муассиру муфид ҳидоят мекунад.

Дар зербоби дуюми боби 1 – «Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули маданияти башардӯстонаи хонандагони синфи 10-11 тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик» муаллиф дар ин қисмати кори худ, таъкид намудааст, ки дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии таърихии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мавқеи санадҳои меъёрии таълимӣ – Стандарти фаннӣ, барнома ва китобҳои дарсии фанни «Таърихи халқи тоҷик» – нақши калидӣ мебозад, ки барои ташаккули татбиқи самараноки ин шаклҳо имконият медиҳад, ки дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон бештар рушд ёбанд.

Таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои гуногуни ин мушкилот, яъне фаъолияти мустақилонаи шахсият имкон дод, ки якчанд мафҳумҳои таърихии ин падидаро ошкор намоем. Таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои гуногуни ин мушкилот, яъне фаъолияти мустақилонаи шахсият имкон дод, ки якчанд марҳилаҳои рушди ин падидаро ошкор намудааст.

Мафҳумҳои таърихие, ки дар синфҳои 10–11 таълим дода мешаванд, тибқи мазмуни барномаи таълимӣ ба чанд гурӯҳи зерин тақсим мешаванд:

1. Низоми давлатдорӣ ва сохторҳои идоракунӣ:

Шӯро, Кумитаи иҷроия, Кумитаи инқилобӣ, мақомоти идоракунии кӯҳна ва нав, комиссариатҳо, давлатдории шӯравӣ, сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимият.

2. Мафҳумҳои сиёсӣ ва идеологӣ:

Инқилоб, инқилоби сотсиалистӣ, диктатура, шаклҳои гуногуни демократия, идеологияи болшевизм, коммунизм, ҳаракатҳои мухолифи ҳокимияти шӯравӣ.

3. Ислоҳот ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ:

Ислоҳоти обу замин, сиёсати ҷамъиятикунонӣ, милликунонӣ ва таҷрибаҳои идоракунии иқтисодӣ дар давраи гузариш.

4. Мафҳумҳои низомӣ ва сохторҳои амниятӣ:

Қувваҳои ҳарбӣ ва амниятӣ, судяҳо, механизмҳои назорат ва ҳимояи сохти шӯравӣ.

5. Муқовимати дохилӣ ва дахолати хориҷӣ:

Ҷанги шаҳрвандӣ, босмачи, ҳаракатҳои низомии мухолифин, дахолати нерӯҳои хориҷӣ ва механизмҳои муқовимати идеологӣ.

Баррасии чунин мафҳумҳо бояд на дар шакли азбаркунӣ, балки тавассути баёни мантиқии онҳо ва алоқамандсозии таърих бо воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ сурат гирад.

Муаллиф дар зербоби мазкур ҳадафи асосӣ — ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва маърифати шаҳрвандии хонанда мебошад, ки онҳоро ба дарки амиқи воқеият ва малакаи истифодаи мафҳумҳои таърихӣ дар ҳолатҳои нави зиндагӣ мерасонад. Дар ин ҷо ба тағйироти ҷаҳонӣ, аз ҷумла раванди иттилоотонӣ (глобализатсияи иттилоотӣ), ҳамчун як омили табиӣ ва ногузир ишора гардидааст. Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ин омӯзиши амиқи мафҳумҳои калидӣ мебошад, ки мазмуни таърихиро на танҳо дар шакли иттилоот, балки ҳамчун воситаи таҳлили иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ таҷассум менамоянд.

Инчунин, муаллиф таҳқиқи омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфҳои 10–11 ҳамчун идомаи мантиқии марҳалаҳои таълимии синфҳои 5–9 мақоми махсусро дар низоми таълими таърихӣ ишғол менамояд. Дар ин зина, таваҷҷуҳи асосӣ ба шинохти марҳалаи ҳассоси гузариши ҷомеаи тоҷик ба замони навтарини таърихӣ равона мегардад — даврае ки саросар бо шикасту сӯз, талошу таркиб ва бедории сиёсиву миллӣ фаро гирифта шудааст.

Ҳамчунин дар боби якум ва зербоби сеюм масъалаи «Таърихи халқи тоҷик - мактаби худшиносӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ» маълумот оварда шудааст.

Таъкид мегардад, ки таърихи пуршарафи халқи тоҷик ҳамчун мактаби бузурги худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ аҳамияти таълимӣ, маърифатӣ ва тарбиявии беназир дорад. Омӯхтани саҳифаҳои дурахшони мубориза, фидокорӣ ва корнамоиҳои фарзандони барӯманди миллат на танҳо арҷгузорӣ ба гузашта, балки василаи бедории эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мебошад. Омӯзиши таърих, фарҳанг ва тамаддуни гузаштагон насли наврасро ба хештаншиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва бедории иҷтимоӣ раҳнамун месозад. Дар ин замина, диссертант овардааст,ки ҳар як шаҳрванди масъул уҳдадор аст, ки бо таърихи пурифтихори миллат шинос бошад, онро ҳамчун манбаи андешаи инсондӯстӣ ва арзишҳои ватандорӣ тарғиб намояд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳқиқи «Ҷараёни педагогӣ-психологии ташаккули тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои X-X1 дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида шуда, зербоби якуми боби дуюм оид ба «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» масъалагузорӣ карда шудааст. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равандест, ки вобаста ба маҷмӯи омилҳои ташаккулдиҳанда ва муҳити муассири таълимӣ амалӣ мегардад. Шароитҳои педагогӣ метавонанд ба сифати омили асосии ташаккули салоҳияти фаннӣ амал намоянд, ба шарте ки таносуби теъдоди хонандагон ва имконоти ташкили омӯзиш ба таври воқеӣ ба назар гирифта шаванд.

Ин боб на танҳо барои омӯзгорон, балки барои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва мутахассисони соҳаи таълимӣ низ аҳамияти калон дорад, зеро он дар

таҳияи стратегияи самараноки рушди касбии омӯзгорон ва беҳтар кардани муҳити таълимӣ кӯмак мерасонад.

Диссертант қайд менамояд, ки дар педагогикаи муосир дар равандҳои таълимии фанни таърих тавсия медиҳад, ки дар омӯзиш аз маводҳои бойгонӣ, хотираҳои шахсӣ, асарҳои мемуарӣ, таҳқиқоти муосир ва нигоштаҳои давраҳои мустамлика, ҳаракатҳои озодихоҳӣ, инқилобҳо ва марҳилаҳои сохти шӯравӣ истифода бурда шавад. Ин тадбирҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон донишҳои таърихиро дар пайвастагӣ бо воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ фаҳманд ва онҳоро ба маърифати муосир табдил диҳанд маълумотҳо оварда шудааст».

Дар зербоби 2-и боби дуюми диссертатсия «Таълими таърихи халқи тоҷик - омилии асосии ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии хонандагон» ном дошта, зимни баррасии он муайян гардидааст, ки натоиҷи кулли чараёнҳои педагогӣ, минҷумла фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон шомили авомили мухталиф мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлили назариявӣ ва озмоишӣ омилҳои асосии, ки дар ин замина баррасӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ, талаботи болозикр ва таҷрибаи педагогии шахсӣ овардааст, ки чунин равиш барои омодагии хонандагон ба имтиҳонҳои хатм низ мусоидат мекунад ва донишу малакаҳои амалӣ ба монанди овардани иқтибос, навиштани иншо ва ташаккули андешаи хулоса таъсири мусбӣ мерасонад ва ба талаботи таълими муосир ва арзёбии салоҳиятнокӣ хонандагонро дар ҷомеаи муосир ҷавобгӯ менамояд.

Мазмуни технологии фаъолияти маърифатӣ-таърихии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар заминаи як қатор унсурҳои муҳим ташаккул мeёбад, ки самаранокии таълимро таъмин менамоянд. Аз ҷумла:

- ҷорӣ намудани технологияи муосири педагогӣ дар ҷараёни омӯзиши таърихи халқи тоҷик, ки имконият медиҳад равандҳои таълимӣ ҳадафманд, шахсиятгаро ва фаъолсозанда бошанд;

- тавсеаи истифодаи робитаҳои байнифаннӣ, ки ба амиқ шудани фаҳмиши хонандагон дар мавзуъҳои таърихӣ ва ба ҳам пайвастани дониш аз фанҳои дигар (география, адабиёт, ҳуқуқ ва ғ.) мусоидат мекунад;

- баланд бардоштани сатҳи илмии омӯзиш, ки ба омӯзгорон масъулияти бештар нисбат ба мазмуни манбаъҳо ва усулҳои тадрисро мегузорад;

- истифодаи васеъи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), ки ба хонандагон шароити беҳтари дастрасӣ ба сарчашмаҳо, матнҳои таърихӣ, харитаҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва дигар захираҳоро фароҳам меорад;

- таъмини дарку дарёфти шахсиятии таҷрибаи таърихӣ, ки дар он таърих ҳамчун мактаби фикр ва арзёбӣ таҷассум мeёбад;

- фаъолсозии андешаронӣ ва ташвиқи ибрози мустақили фикр, ки дар ташаккули салоҳияти интиқодӣ, таҳлилӣ ва таърихнигорӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Дар ин замина, шакли муҳими ташаккулдиҳандаи салоҳияти таърихии хонандагон — малакаи кор бо сарчашмаҳои таърихӣ мебошад. Омӯзиши фанни таърих бояд ба он равона бошад, ки хонандагон тавонанд бо сарчашмаҳо мустақилона кор кунанд: хонанд, таҳлил намоянд, муқоиса кунанд ва натиҷа бароранд. Ин малака, ҳамчун пояи фаъолияти маърифатӣ, дар тамоми шаклҳои таҳсилот — аз омӯзиши синфӣ то вазифаҳои хонагӣ ва корҳои беруназсинфӣ — татбиқ карда шудааст.

Дар боби дуюми зербоби сеюми кори диссертатсионӣ – «Омилҳои объективӣ ва субъективии ташаккул додани салоҳияти хонандагони синфи 10-11 тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик» аз тарафи диссертант масъалаҳои зеринро мавриди таҳлилу таҳқиқ дида баромадааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот, ки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон танҳо ба воситаи дарсҳои асосӣ маҳдуд намешаванд, диссертант аз маҳфилҳои таърихӣ, корҳои беруназсинфӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ-оммавӣ, баргузории конфронсҳои хурди мактабӣ пешниҳоди истифода намудааст, ки дар маҷмуъ, чунин мебошад:

1. Салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар ҷараёни таълими таърих асосан тавассути ҳамгироии назария ва амал ташаккул меёбанд.

2. Омӯзгор нақши калидӣ дар ташаккули ин салоҳиятҳоро мебозад ва сатҳи тахассусӣ ва малакаи методии ӯ муайянкунандаи сифати таҳсил аст.

3. Монеаҳои мавҷуда (кадравӣ, моддӣ, методӣ) то ҳол раванди таълимро суст мекунанд, вале бо истифодаи дурусти усулҳои муосир онҳоро метавон қисман бартараф сохт.

4. Таҷрибаи озмоишӣ собит намуд, ки истифодаи технологияи муосир ва усулҳои фаъол на танҳо дониш, балки тафаккури интиқодӣ ва малакаи таҳлилии хонандагонро рушд медиҳад.

5. Дар оянда, барои расидан ба ҳадафҳои таълим, зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ бо талаботи нав мутобиқ гарданд, китобҳои дарсӣ такмил дода шаванд ва системаи тайёр кардани омӯзгорони фанни таърих аз нав дида баромада шавад.

Бо назардошти ҳамаи ин, метавон гуфт, ки дар раванди таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ на танҳо як талаботи замон, балки омили асосии ташаккули шахсияти комил, худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврас дар ақидаҳои овардашудаи унвонҷӯ пешниҳод гардидааст, қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия – «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои умумифаннӣ ва фаннӣ, мавзуӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик» ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфта, ба масоили коркарди сохтори низоми педагогӣ ва салоҳиятҳо дар раванди таълими таърих бахшида шудааст. Дар зербоби якуми боби сеюм «Салоҳиятҳои умумифаннӣ ва фаннию мавзуӣ дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 10-11-и муассисаҳои ҳамагонӣ» муаллиф дар ин боб баён кардааст, ки имрӯз таълим аз рӯйи эҳтиёҷ, амалан таҳлил карда, андӯхтани таҷрибаи нав тавассути устодони навҷӯ ва маводи омӯзиш, омӯхтани маълумоти наву саҳеҳ зарур ва амалан татбиқшаванда самарабахш аст.

Дар зербоби дуввуми боби сеюм бо номи «Технология ва методҳои ташаккули салоҳияти таълимии хонандагони синфи 10- 11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» номгузори шуда, диссертант қайд менамояд, ки фаъолияти анъанавии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун заминаи ташаккули дониш, малака ва салоҳиятҳои таърихии хонандагон аҳамияти калон дорад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки сохтори низоми педагогии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ нақши худро дорад. Дар ин раванд бошад, аз тарафи диссертант як қатор шаклҳои асосӣ ва санҷидашудаи педагогӣ истифода мешаванд:

1. **Технологияи анъанавӣ** – низоми лексионӣ–семинарӣ, ки дар он лексияҳо, семинарҳо, дарсҳои иловагӣ, такрорӣ ва ҷамъбастӣ, инчунин машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ барои ташаккули салоҳияти хонандагон ташкил дода мешаванд.

2. **Технологияҳои нейимитатсионӣ ва ғайрибозӣ** – маҷмӯи усулҳо ва воситаҳое, ки барои ташаккули мустақилонаи салоҳиятнокии хонандагон равона шудаанд ва таҷрибаи омӯзиши фаъолро фароҳам меоранд.

Дар раванди ташаккули салоҳияти таърихӣ ворид намудани технологияи таълими проблемавӣ нақши калидӣ дорад. Лексияҳои проблемавӣ имконият медиҳанд, ки хонандагон бо вазъиятҳои таҳлилӣ рӯбарӯ шуда, малакаи ҳалли мустақили масъалаҳоро инкишоф диҳанд. Истифодаи чунин усулҳо, ки мазмуни ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ доранд, салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагонро фаъол месозад ва онҳоро ба таҳлил ва хулосабарории мустақилона ҷалб менамояд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм бо «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик» ном дошта диссертант қайд менамояд, ки дар рафти кори таҳқиқотӣ муайян кардани меъёрҳо, нишондодҳо ва сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаи таълимӣ-озмоишӣ шарти зарурист. Таҷриба нишон дод, ки ошкор намудани сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар таҷриба ширкат варзида, коркарди меъёрҳо ва нишондодҳои муайянро талаб менамояд. Муаллиф дар асоси қисматҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик таҳти таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъолият якчанд вазифаҳоро пешниҳод намудаанд:

- -ошкор намудани сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон;
- -амалисозии марҳила ба марҳилаи ташаккули ин салоҳиятҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва пешниҳод намудани роҳу усулҳои корӣ;
- -муайян кардани маҷмӯи шароити педагогӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд;
- -таҳлили маълумоти бадастомада ва робитаи онҳо бо натиҷаҳои омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик» номгузори шуда, муаллиф қайд менамояд, ки фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон самаранок бошад, зарурати пешниҳоди воситаҳои саҳеҳгардонии ҳамкории педагогие, ки таваҷҷуҳ ба амалӣ намудани ин раванд дорад, ба вуқуъ мепайвандад. Омӯзиш, таҳлил ва баҳои ҳақиқӣ ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона, инчунинин итихоби воситаҳои саҳеҳгардонии ҳамкории педагогӣ, идорашавандагӣ ва натиҷанокии он имконият медиҳад. Ҷадвали ташхиси мизони фаъолгардонии фаъолияти мустақилона ва харитаи сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилона бобати воқеъбинона арзёбӣ кардани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон имконот фароҳам мекунад. Дар охири зербоб, муаллиф хулосаҳои худро дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот баён карда, пешниҳодҳо оид ба такмил додани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намудааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ ифода меёбад, ки ба маъмурият ва омӯзгорон имконияти ҳалли масъалаҳои муҳимро фароҳам меоранд. Тавсияҳои пешниҳодшуда барои ташаккули фаъолгардонии маҷмӯи шароити педагогӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосири таълимӣ мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти маъмурӣ, дар такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҳам дар коркарди методологияи муосир метавон ба таври васеъ истифода намуд.

Дар фарҷом, бояд қайд кунем, ки диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло як кори илмии мукаммал буда, ба ҳалли масъалаи муҳими педагогӣ – фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосир равона гардидааст. Тадқиқоти мазкур дорои аҳамияти илмӣ ва амалии назаррас буда, барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи педагогика мусоидат хоҳад кард.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло ба дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Муаллиф метавонад самтҳои таҳқиқоти минбаъда оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик тахти таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намояд, то фаҳмиш дар бораи ин мафҳумҳо, роҳу воситаҳо ва имкониятҳоои ба даст оварда амиқтар карда шаванд ва роҳҳои муассиртари баланди имкониятҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик тахти таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъолият дар ин замина дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва истифодаи он дуруст ба роҳ монда шаванд;

2. Муаллифи диссертатсия метавонист дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ бо муқоисаи таҷрибаҳои ошкор намудани сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла дар муҳити дигар минтақаҳои Тоҷикистон, кишварҳои дигар ё заминаҳои алтернативӣ таваҷҷӯҳ карда, моҳият ва сатҳу сифати кори худро ғанитар гардонад;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки онҳо бояд ислоҳ карда шаванд.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшавандаро кам кунанд. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии рисола тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи таълим оид ба муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бозгӯ намоянд.

## Хулоса

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмӣ:** Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии

чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси: 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" Наботов Ю.Ш. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки 27.12.2025 доир шуда, дар он довталаби дараҷаи илмӣ Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология 14 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 27.12.2025, №5).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, и.в. дотсенти Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ иҷрокунандаи вазифаи дотсент — Наботов Ю.Ш.

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон — Садирова Ҷ.Ш.

**Маълумот барои тамос:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

27.12.2025

Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Ю.Ш.Наботов, Ҷ.Ш. Садирова ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "ДДД" ______ Тоирзода С.Т. «29» 12 соли 2025

ШУЪБАИ КАДРҲО